# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз «14» майи соли 2021 №45 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 таҳқиқоти диссертатсионии Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессор Хидирзода Махфират Умар), тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои филологӣ Бобоҷониён Ранохон Маҳмудзода, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидзода Шуҳрат Шукур, баромади аъзои Шӯрои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: муқарризони ғайрирасмӣ, профессорон М. Олимов, Р. Нуриддинов ва Ш. Шоисматуллоевро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулоса, ки аз ҷониби Шӯро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳамият ва натиҷаҳои диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба талаботи пешбининамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз ҷумла «Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.
2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ дода шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҳост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ

намояд ва Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмонро бо дипломи номзади илмҳои сиёсӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Ҷононов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Раҷабов И.Ш.